# БОЗОР СОБИР



# АЗ ВАТАН ВАҚТЕ КИ МЕРАФТАМ...

# БОЗОР СОБИР

# АЗ ВАТАН ВАҚТЕ КИ МЕРАФТАМ...



ДУШАНБЕ 1999

# Собир Бозор

# АЗ ВАТАН ВАҚТЕ КИ МЕРАФТАМ...

Муҳаррири масъул
**Ҷонибек АКОБИР**

Тарроҳ
**Фармони Рустам**

Ин силсила ашъори тозаи устод Бозор Собир дур аз Тоҷикистон – дар ғурбат суруда шудаанд, аммо саропо таровату малоҳат ва перояи нотакрори Ватани аслии худро меситоянд. Шоири ҳассос ва каломаш пурғунҷоишу тобнок ҷисман дар ғурбат аст, аммо ҳиссу дарду нишот ва олами рангини тахайюлоташ пайванд бо зодбуми бобоӣ доранд. Ва ҳамин пайванди дардошно ашъори шоирона талқин мекунад.

When I Was Leaving My Homeland
Copyright © 1999 Bozor Sobir
All rights reserved.

**Душанбе 1999, моҳномаи «Садои Шарқ»**

## КУЛБАИ МОДАР

Дар навдаи тути модар овезон
Чун халтаи чака халтаи маҳтоб.
Дар кундаи тути модар овезон
Чун халтаи моҳ халтаи ҷурғот.

Шаб аз лаби боми кулбаи модар
Ҳамчун зари об мечакад маҳтоб,
Аз халтаи моҳу халтаи ҷурғот
Ҳамчун зари ноб мечакад зардоб...

Ман дар тани кӯдакӣ фурӯ рафта,
Худро таги тути пухта мебинам.
Дар ҷолаи тути тутборонаш,
Як мушт ятими хуфта мебинам.

Як мушт ятими хуфтаро модар
Дар тахтаи дил гирифта мехобад,
Дар пахтаи дил гирифта мехобад.
Сар монда ба тахтаи дили модар,
Сар монда ба пахтаи дили модар,

Бо чак-чаки чака мебарад хобам,
Чун равғани маска мебарад хобам.

Дар ҷогаҳи мо, ки тут мерезад,
Чун ҷола, ки моҳи ҳут мерезад.
Хамёза, ки мекашӣ, ба нохост,
Шаб дар даҳани ту тут мерезад.

Вақте ки сапеда деги гардунро
Чун модари ман ба рег мешӯяд,
Вақте ки сапеда гови гардунро
Чун модари ман, пагоҳӣ медӯшад,
Бо шир-шири шир мешавам бедор,
Бо шир-шири ширдӯшии модар...

Дар хоби шабам ҳанӯз бехотир
Ман дар тани кӯдакӣ фурӯ рафта,
Худро таги тути пухта мебинам,
Дар ҷолаи тути тутборонаш
Як мушт ятими хуфта мебинам,
Додар ба бағал гирифта додарро,
Хоҳар ба бағал гирифта хоҳарро.

Вақте ки аз ин миёна бархезам,
На мушти ятими хуфта мебинам,
На дасти бағалгирифта мебинам.
На навдаи тути пухта мебинам.
На! На! На ба мушт донаи туте,
Танҳо ману мушти сахти калтуте.

Ман аз тани кудакии ман ҳар бор
Чун мурғи пагоҳӣ мешавам бедор,
Чун мурғи пагоҳӣ сина мекӯбам,
Чун мурғи пагоҳӣ мезанам фарёд,
Чун мурғи пагоҳӣ мекунам ку-ку:

Ку хоҳаракони хонарӯбам, ку?!
(Сад соли дароз хона норӯфта),
Ку додаракони хонабонам, ку?!
(Сад соли дароз хона бесоҳиб),
Ку модараки сағерабонам, ку?!
(Сад соли дароз дег ношуста,
Дегу табақаш ба рег ношуста).

На чак-чаки халтаҳои хобовар,
На шир-шири ширдӯшии модар,
Девори гилеву сояравшанҳо,
Девори дилеву сояравшанҳо.
Дар шохи чанор халтаи маҳтоб,
Аз халтаи сина мечакад зардоб.

*11.10.98, Seattle USA.*

## ТИРАМОҲ

На дигар хирмани гандум, на дигар
хирмани моҳам,
Ба ҳаво тӯдаи абрам, ба замин тӯдаи
коҳам;
Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам,
тирамоҳам,
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам,
ҳама сардам.

Қафаси синаи гулбун қафаси тӯтии гул буд,
Қафаси синаи ман ҳам қафаси
тӯтии дил буд,
Си пари тӯтии гул рехт, пари
тӯтии дил ҳам,
Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам,
тирамоҳам,
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам,
ҳама сардам.

Чи қадар чангу ғуборе, ки дар оина
нишастаст,
Чи қадар чангу ғуборе, ки дар ин сина
нишастаст,
Чи қадар меваи шеъре, ки напухтаст,
дар ин шохи қалам;
Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам,
тирамоҳам,
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам,
ҳама сардам.

На дигар замзамаи шеър,
На дигар шаршараи шеър,
Чи қадар шеъри сафедам ба замин
рехт чу шир,
Шоири гумшудаам, гумшуда шоир,
На ба моҳам, ча ба чоҳам, таҳи коҳам;
Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам,
тирамоҳам,
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам,
ҳама сардам.

Гили ман як гили помол,
Дили ман як дили помол,
Дилакамро чи қадар мардуми дилхора
фишурданд,
Чу анор;

Дилакамро чи қадар мардуми дилхора
макиданд,
Чу анор;
Пату пӯчам, бағале баргу гиёҳам,
Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам,
тирамоҳам,
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам,
ҳама сардам.

Лаби рӯзам чу лаби мардуми ранҷур,
Лаби бенур,
Лаби шомам чу лаби маҷмаабемор,
Лаби хуншор,
Табу табхолаву табларзаву оҳам;
Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам,
тирамоҳам,
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам,
ҳама сардам.

Ману сад манзараи зард,
Ману сад хотираи зард,
Раҳи хокии ману ғарғараи боди хазон,
Тани покии ману ғарғараи боди адам;
Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам,
тирамоҳам,
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам,
ҳама сардам.

*Ноябри 1998, Seattle.*

## ХОТИРА ДОРАМ

Дили ман аз дили ту ҳисса-ҳисса
хотира дорад,
Қади ман аз қади ту ғамза-ғамза
хотира дорад.
Агарчи оинаи қаднамои хотираам
Шикаста, аз ту вале реза-реза
манзара дорад.

Ба ман нафас ба нафас будӣ, чу нафас будӣ,
Ба ман нафас ба нафас чун ҳаво
ту бас будӣ.
Чу ҷумлае, ки ба ман гуфтӣ, лаб ба лаб гуфтӣ,
Лаби ман аз лаби ту мазза-мазза
хотира дорад.
Ба марзи синаам аз хӯшаҳои абрӯят,
Ба марзи хотирам аз хӯшаҳои гесӯят
Ҳазор қитъа туро киштаму
дарав кардам,
Ки дастам аз камарат, қабза-қабза
хотира дорад.

Ҳазор ҷашну арӯсиву базми даврон буд,
Туро ба мисли сафедор рақси ларзон буд,
Маро ба мисли сафедор рашки ларзон буд,
Ҳазор бандам аз он ларза-ларза
хотира дорад.

Чу хандаҳои баландат, баланд
шаршара дошт,
Ҳавои шаршараҳо дошт, боди
гулдара дошт,
Даруни синаам аз хуну дар ду чашм аз ашк,
Чу сел хотираҳоям баланд ширшара дорад.

Хулоса, бе ту чанорам, чанори хотираам,
Ки аз ту то қадамам пуст-пуст
хотира дорам.
Хулоса, бе ту заминам, замини хотираам,
Ки аз ту дар бағалам сабза-сабза
хотира дорам.

Хулоса, бе ту камонам, камони хотираам,
Ки аз ти дар ҷигарам ранг-ранг
хотира дорам.
Хулоса, бе ту саробам, сароби хотираам,
Ки аз ту дар назарам ҳавза-ҳавза
хотира дорам.

*Баҳори 1990, Seattle.*

## ПУШТАҲО

Пуштаҳо – роҳҳои хокии ман,
Пуштаҳо ҷои хокбозии ман.
Пуштаҳо – гӯри модару падарам,
Хоку хокистари намозии ман.

Мебарад мӯр, мебарад мӯраш
Резаҳои дили маро ҳар сӯй,
Мебарад, мебарад парастуяш
Аз лаби ҷӯ гили маро ҳар сӯй.

Гӯиё буд момадояи ман
Момаборонаки баҳоронаш.
Гӯиё гаҳвораам бичҷунбондаст,
Малахи гоҳвораҷунбонаш.

Чун қатори дулонаҳояш ман
Ҳамқаторе наметавонам дошт
Ҳамчу дарёканори Элокаш
Ҳамканоре наметавонам дошт.

Ману маҳтобу рӯи девораш
Сояи току туту сояи бед,
Филми шабҳои кӯдакии ман аст
Филми маҳтобии сиёҳу сафед.

Чун чанори шикастапушташ нест
Пири садсола дар паси пуштам,
Нест муште чу мушти калтуташ,
Вой бар ман, агар занад муштам.

Дар паси пушта Сӯфиёни ман аст,
Каҳгили кулбаҳош тиллоист.
Дар паси кулбаҳо чу мактаби ман
Чордевории сафедак нест.

Дӯст, дорам, ки бӯяму бӯям
Бӯи дуди алови нонашро,
Дӯст, дорам, ки бӯсаму бӯсам
Аз сари пушта осмонашро.

То наборад дигар, бичӯшондам
Рӯзи боронӣ оби боронаш,
Оби чашми маро бичӯшонед,
То шавад хушк ашки резонаш[1].

*Декабри 1997, Seattle.*

[1] Мавриди боронҳои ҳафтшабу ҳафтрӯза оби боронро ҷӯшонда хушк мекардем, ки осмон хушк шавад.

# ХОНАҚОҲИ МАН

Ростӣ, фарзанди ман сураткаши хуб аст,
Хуб сурат мекашад, аммо
Сураташро дар чи деворе биовезад намедонад.
Мо, ки деворе надорем,
Хонабардӯшем...

Ростӣ, ман ҳам чу пири хаста
мехоҳам гузорам
Як нафас, як лаҳза пуштамро ба девор.
Ҳафт пушти ман, ки дар гилхонаҳо
гилкорӣ мекарданд,
Ба гил рафтанд.
Гар ба девори касе хушкида нақши
танҷае боқист,
Нақши панҷаи онҳост.
Ҳафт, пуштам мардуми деворие буданд,
Лек дар пуштам на деворист, на девор.

Дар ватан аз шоирон як шоири
зиндонӣ ман будам,
Дигарон буданд шоирҳои зиндонбон.

Ҷомаи ман бӯи зиндон мекунад то ҳол,
Бо чи собуне бишӯям ҷомаи худро?
Он хароши симҳои хордорашро агар
бастам
Ман аз дастам,
Бо чӣ бандам ин даруни пурхарошамро?
Бо чӣ бандам ин даруни реш-решамро?

Дар қафои чашмаки зиндон, ки ҳамчун
чашми сӯзан буд,
Аз тамоми чеҳраҳо як чеҳраи пажмурдаи
Гулчеҳраро ман дида будам.
Аз қафои чашмаки зиндон, ки ҳамчун
чашми сӯзан буд,
Аз тамоми чеҳраҳо як чеҳраи пажмурдаи
Гулчеҳраро бӯсида будам,
Бӯсаам дар чашмаки зиндон намеғунҷид.

Аз ватан вақте хи мерафтам,
Хонаам ковок шуд, акси садо медод,
Хонаи ковоки ман, чун ғорҳо момоҷавобак
дошт.
Хонаам мегуфтаму момоҷавобак
хонаам мегуфт,
Қисмати пешонаам мегуфтаму
момоҷавобак қисмати пешонаам мегуфт.

Аз ватан вақте ки мерафтам,
Субҳи бефайзаш намоён буд,
Бар сараш барфи нахустини зимистон буд.
Ин ки гуфтам, дар ҷавонӣ мӯсафедам кард,
Дар ҷавонӣ мӯсафедаш кардаанд
якбора дар як шаб,
Хуб пираш кардаанд якбора дар як шаб.
Субҳи бофайзе, ки ман бори сафар бастам,
Субҳи рӯи кӯдаконам буд,
Духтари ман ахтари ин субҳи содиқ буд.

Аз ватан вақте ки мерафтам,
Ёдам аз ӯ дар фазо мерафт,
Додам аз ӯ дар ҳаво мерафт.
Гуфтам аз рӯи ҳаво хат мекашам
рӯи ватанро,
Баъд аз ин бигзор, бигзор!
Ман набинам рӯи ӯро,
Ӯ набинад рӯи манро.
Хостам дар шишаи танги ҳавопаймо
ба ин маънӣ
Хат кашам инак,
Вале он шишаро нохост бӯсидам,
Чун дилам мехост – бӯсидам,
Чун дилам мехост – бӯсидам,
Бӯсаам дар шишаи танги ҳавопаймо
намеғунҷид

Аз ватан рафтам, валекин дур рафтан
аз ватан имкон надорад,
Мекашад чун зодбуми меҳрубон меҳраш,
Гарчи бо ман меҳрубон кам буд.
Чун тавонам аз замини ҳамрагу
ҳамхуни худ бигрехт?
Чун? Ки дар нофи заминаш хуни
нофам рехт.
Дарди ҷонкоҳам, ки аз он ҷост,
дармони ман он ҷост,
Реши хуншорам, ки аз он ҷост,
доруи ман он ҷост,
Заҳри чандонам, ки аз он ҷост,
Нӯшдорӯи ман он ҷост.

Зодгоҳам дар сари кӯҳи сафеди
Ширбияш тӯтиё дорад,
Дар сари кӯҳи Зарафшон мӯмиё дорад,
Дар сари ҳар пушта аз рангинкамон
чархофалак дорад,
Кӯзаи моҳи шабаш шири малак дорад,
Зодгоҳам оби гарму оби шӯрак дораду
зарринги ё дорад.

Дар қатори фавҷи мӯраш ҳамқадам дорам,
Балки ман дар он қаламрав сад
найистон ҳамқалам дорам.

Лангари дуру дарози турнаҳои
навбаҳораш ку?
Чок-чоки чокаки шабзиндадораш ку?
Кӯчаҳои каҳкашони пахтазораш ку?
Пуштаи хоке, ки хоки хоксори
қиблагоҳам буд, ку?
Хонаи ман – хонақоҳам буд, ку?
Ҳамватанҳоям касу нокас набуданд,
Мӯрҳои ҳамчу ман дар зери пои
раҳгузар буданд,
Лолаҳои ҳамчу ман хунинҷигар буданд.
Ку сафедорони анбӯҳи саропо чашм,
Чашми бисёри пур аз меҳру муҳаббат?
Ку чанорони тануманди саропо даст,
Дасти бисёри мададгор?

Аз ватан рафтам,
Валекин дур рафтан аз ватан
имкон надорад,
Мекашад хокаш;
Аз кашиданҳои хокаш набзи ман кандаст,
Зарбати набзам мураттаб нест.
Аз ватан рафтам, валекин мекашад хокаш,
Хоку хошокаш.

*Зимистони 1997, Ҷаксонвилл*

# ЮСУФ

Ҳамон корвоне, ки суф мефурӯхт,
Фаромад ба бозору Юсуф фурӯхт.
Азизи Зулайхо, ки суф мехарид,
Даромад ба бозору Юсуф харид.

Бо зан гуфт: асло ғуломаш махон,
Чу фарзанд хонаш ту дар хонадон,
Ки дар чеҳрааш нури пайғамбарист,
Чунин чеҳра бе фоли фархунда нест.

Вале зан илоҷи таҳаммул надошт,
Ба Юсуф бинои муҳаббат гузошт,
Ки ҳусни гулӯсӯзи ӯ дар назар
Гулӯсӯзтар мешуд аз пештар.

Яке рӯзи монанди оби халиҷ,
Ки оромиаш бебало мест ҳеҷ,
Зан аз шавқи ишқи ҷавон буд маст,
Ҷавонро дарун хонду дарро бибаст.

Ҳарису ҳаросону саршори нафс
Чу дар тангное ба ӯ гашт ҷафс.
Валекин аз он кулба Юсуф шитофт,
Зулайхо чу гурге ба Юсуф шитофт.

Ҷавон ҷасту аз дарби долон гирифт,
Вале дасти зан, аз гиребон гирифт.
Зулайхо ҷавонро ба бистар кашид,
Ҷавон сар надод, аз лаби дар кашид.

Ҷавон аз Зулайхо, ки сар мекашид,
Зулайхо ҷавонро батар мекашид.

Зулайхо, ки сӯи дарун мекашид,
Ҷавонро ту гӯӣ, дарун, мекашид.
Зулайхо, ки мӯи ба мӯ мекашид,
Ҷавонро ба кому гулӯ мекашид.

Кашидан ду танро ба ҷое кашид,
Ки гӯё намешуд ҳавое кашид.
Чунон шуд, ки танпӯши Юсуф дарид,
Гиребонаш аз дӯши Юсуф дарид.

Баромад ҷавон аз гиребони суф,
Ба монанди моҳи шабе аз хусуф.
Аз ин пас Зулайхо, ки ноком буд,
Зулайхо набуд, гурги бадном буд.

Ки он Юсуфи хӯрдааш зинда монд,
Даҳонаш вале Юсуфолуда монд.
Пароканда шуд моҷарояш ҳамон
Ба гуфтан нишастанд мисризанон,

Ки ҳамбистари бевафои Азиз
Тамаъ карда аз бардааш хобухез.
Зулайхо, ки ин таънашонро шунид,
Аз ин таънашон бӯи ғафлат шамид.

Фиристоду талбидашон назди хеш,
Ба одоби меҳмоннавозии беш
Хушомадзанон лӯлаболиш ниҳод,
Навозишкунон хону хӯриш ниҳод.

Дар аснои авҷу қиёми нишаст,
Ғурури занонро Зулайхо шикаст.
Ба ҳар як турунҷеву тезина дод,
Бари озмун дод, бе кина дод.

Сипас, ҷониби ғурфа иммо намуд,
Ҷавонро ба маҷлис тақозо намуд.
Даромад яке Юсуф ороста,
Ба зевар саропош пероста.

Чи хотун, чи отун ҳар он зан, ки буд,
Ҳама ногаҳон, моту мабҳӯт шуд,
Ба ҷои турунҷ аз шигифти шадид
Нафаҳмида ангушти худро бурид.

Ба назди Зулайхо хиҷолат шуданд,
Пушаймони сахт аз маломат шуданд.
Бирафтанд аҳсантгӯён бурун,
Аз он Юсуфобод бо дасти хун.

*1997, Ҷаксонвилл.*

## ТАБИ СУРХ

То хонаи ман масофаи бисёр аст,
Расмам ба ду чашми чор дар девор аст.
Аз рӯи ман оинаи ман сер нашуд,
Оинаи ман мунтазири дидор аст.

Дар хонаи ман доруи хобам монда,
Як пар қалами пари уқобам монда,
Ман болини ҳамсарӣ надидам умре,
Дар болини ман ҷилди китобам монда.

Ҳар кӯза, ки аз хоки лаби Элок аст,
Ҳамхоки ман асту ҳамчу коғаз пок аст.
Аз кӯзаи пушти ман напурсед маро,
Хоке, ки ба сар задам ман, аз он хок аст.

На боғи падар монду на он беди қатор,
Аз беди қатор монда калбеди қатор.
Он беди қатор чӯби гаҳвора нашуд,
Ё чӯби аловӣ шуд ва ё чӯби мазор.

Дар пушти ман, авлиё набуд, пир набуд,
Девори Хитою кӯҳи Помир набуд.
Дар пушти сарам латтамазорон буданд,
Бо латтаи пора-пораи сурху кабуд.

Ҳар ҷо, ки намеравам, дилам волаи туст,
Дар боми дилам шукуфтани лолаи туст.
Қишлоқаки ман, пушти маро кас нагирифт,
Дар пушти сарам чанори садсолаи туст.

Сурхида замини Лолагӣ, дар таби сурх,
Барги гули лолааш мисоли лаби сурх.
Аз сурхии лолазор шабнам сурх аст,
Гуфтӣ ту, шаби гузаштааш буд шаби сурх.

Сарманзили кӯдакии саҳроии ман,
Роҳи ту, раҳи бирешими лоии ман.
Дар кундаи ҳар дарахти ту пинҳон аст
Як кӯзача кӯдакии тиллоии ман.

Ҳамхандаи ман гули сияҳгӯши ту буд,
Ҳамгиряи ман чашмаи хаспӯши ту буд.
Эй гумшуда қишлоқаки тиллоии ман,
Доруи ман оби шӯраки ҷӯши ту буд.

Қишлоқаки кӯдакӣ, хасу хори ту бас,
Як лаҳза маро такя ба девори ту бас.
Дар маҳфили маҳтобии чирчираку ман,
Чакчакзадани барги сафедори ту бас.

Ҳарчанд ки пеш-пеш рафтам умре,
Ҳатто қадаме пеш нарафтам умре.
Ҳарчанд қадам задам, фурӯ рафтам ман,
Зеро ки ман аз хеш нарафтам умре.

*Баҳори 1996.*

## СӮЗАН АГАР ДАР ДИЛИ МАН МОНД...

Аз хоки ватан гӯри падар дар
дили ман монд,
Модар чу мазори лаби ҷар дар
дили ман монд.
Дар оташи ғам коғази рӯи ман агар сӯхт,
Аз хоҳари ман коғази сар дар
дили ман монд.
Дар баставу фарзанди падар дар
паси дар рост,
Фарзанди падар дар паси дар дар
дили ман монд.
Ман рафтаму сад хешу табор
аз сари ман рафт,
Аз рафтанашон турбати тар дар
дили ман монд.
Дар решаи тиллоӣ набуд решаи ҷонам,
Пӯдина чу дорӯи ҷигар дар дили ман монд.
Дар сӯзани девори ман аст риштаи умрам,
Кофист ҳамон сӯзан агар дар
дили ман монд.

*13 апрели 1996, Ҷаксонвилл.*

## НАВБАҲОР УСТОДИ МАРҲАМБАНД

Осмону чашмҳои осмонӣ медурахшанд,
Обҳову чашмҳои обӣ мечӯшанд,
Мезанад аз ханда дандонҳо чароғак.
Шишаҳои хонаҳо шуста,
Шишаҳои синаҳо шуста,
Шуста ҳамчун шишаи офоқи боронӣ,
Атласи рангинкамон ёдоваре аз ёри
атласпӯш.

Ман ба сӯи акси даврони ҷавониам
назар афканда мегӯям,
Акси дерин, дидаат равшан, баҳор омад!
Акси ман аз қиблаи девор механдад,
Акси ман дар чорчӯби худ намегунҷад.

Рост аз рӯи замин сабзида як қомат
Устухонҳои чанорон,
Устухонҳои сафедорон,
Рост аз рӯи замин рӯида гӯё як
қаду қомат

Устухонҳои азизон,
Устухонҳои шаҳидон.

Навбаҳор устоди марҳамбанд,
Бастааст, аз махмалак марҳам
Бар тароши тешаву захми табарҳо,
Пои маҷрӯҳи дарахтонро
Сад қабат печонда бо печак,
Ҳамчу як доругари ҳозиқ,
Ҳамчу як доругари бобоии тоҷик.

Ҷонамози сояашро бар замин
густурда маҷнунбед,
Дар суҷуд истода сархам.
Ин дарахт умре намозашро
Дар ҳамин як ҷонамози сояи худ мегузорад.
Ман ҳам аз авлоди ин бедам,
Сояи касро накардам ҷонамоз умре,
Доиман бар сояи худ саҷда хоҳам кард.

Дар миёни сабзаву хори сари девори
қишлоқ,
Лола чун тоҷи хурӯсони сари девори
қишлоқ,
Гуфтӣ, алъон, мезанад пар,
Бол мекӯбад ҳамин алъон,
Аз сари девор мехонад хурӯси лолаи
сурхи кулангӣ,
Пои хобат мешавад бедор,

Хуни хобат, мешавад бедор,
Ҳар рагу пайванди хобат мешавад бедор,
Бахти хобат мешавад бедор.

*Баҳори 1997, Ҷаксонвилл.*

## ФАЙЗОБОДИ МАН

Хӯҷаи Ҳотам зиёратгоҳи Файзободи ман,
Шукр аз тарбияти арвоҳи Файзободи ман.
Бо азони боди Элокаш дарахтон дар намоз,
Дар сари мӯи сафедам коҳи Файзободи ман.
Ширбии[2] ширандомаш ба ман ҳамшира аст,
Тираки ҷуфташ арӯсу шоҳи Файзободи ман.
Гар ба девори каҷаш каҷ менишинам бок нест,
Роҳати ҷон як дами даргоҳи Файзободи ман.
Шишаи доруст, оре шишаи доруи дил,
Шишаи оби ҷароҳатакоҳи Файзободи ман.
Арғувону лолазораш ҳарду ҳамхуни мананд,
Ҳамгили ман хушгили дилхоҳи Файзободи ман.
Сатри мӯраш сатри мавзуне, ки хоколуда аст,
Сатри шеъри хокиам дар роҳи Файзободи ман.
Аз ҷаҳон дилмондаам ман, аз ҷаҳон сад бор беҳ,
Нохуни моҳи нави бегоҳи Файзободи ман.

*Октябри 1997, Seattle.*

[2] Пуштакӯҳе бо ҳамин ном.

## ЧАРО НАМЕОӢ?

Дубора моҳ бадар шуд, чаро намеоӣ?
Дубора моҳи дигар шуд, чаро намеоӣ?

Парандаҳои муҳоҷир ба лона баргаштанд,
Дубора чаҳ-чаҳа сар шуд, чаро намеоӣ?

Бародарони мусофир ба хона баргаштанд,
Дубора қаҳ-қаҳа дар шуд, чаро намеоӣ?

Ҳазор лола ба дил лолазори Файзобод,
Дубора хуни ҷигар шуд, чаро намеоӣ?

Ниҳоли пушти дарат, бо қадат баробар буд,
Чанори хушқаду бар шуд, чаро намеоӣ?

Гули пиёда ба манзил пиёда боз омад,
Ба рафтанат чи қадар шуд, чаро намеоӣ?

Ту мерасӣ ба дар ин лаҳза гӯиён гӯшам,
Фақат ба тақ-тақи дар шуд, чаро намеоӣ?

Ҳамон бинои баланде ватан бувад номаш,
Ба хишти ҷони падар шуд, чаро намеоӣ?

Ҳамон сутуни баланде ватан бувад бомаш,
Ба устухони падар шуд, чаро намеоӣ?

*Апрел 1998 Seattle.*

# МУНДАРИЧА


Кулбаи модар....................................................................3
Тирамоҳ..........................................................................6
Хотира дорам....................................................................9
Пуштаҳо .........................................................................11
Хонақоҳи ман ..................................................................13
Юсуф ..............................................................................18
Таби сурх........................................................................22
Сӯзан агар дар дили ман монд... ...................................25
Навбаҳор устоди марҳамбанд ........................................26
Файзободи ман ...............................................................29
Чаро намеоӣ? ..................................................................30

**Bozor Sobir**

# When I Was Leaving My Homeland

**(A collection of poetries in Tajik)**

Copyright © 1999 Bozor Sobir
All rights reserved.

**Dushanbe 1999, «Sadoi Sharq»**